**ПРОТОКОЛИ №27**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ**

аз «06» апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар

**Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои физикаю математика Каримов Ф.Ҳ.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд бо рамзи 6D.КОА-057 (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) тадсиқгардида 12 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 3 нафарашон докторони илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи номзадии Кароматуллои Юсуф унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ, профессор Мамадризохонов А.А., аъзоёни комиссияи экспертӣ номзади илмҳои геологию минералогӣ Муродзода А.А. ва номзади илмҳои геологию минералогӣ Лоиқзода М.Л. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтака» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Кароматуллои Юсуф унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор – доктори илмҳои техникӣ, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ;
- Фозилов Ҷивоншо Нурович – номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, мудири кафедраи минералогия ва петрографияи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» таъин гардид.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва МД «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 16.06.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физикаю математика — Каримов Ф.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ — Ғайратов М.Т.